# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Ҳайём», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Таърихи равобити фарҳангӣ ва адабии мардумони форсу араб давраи тулониро фаро мегирад. Ва қариб дар тамоми давраҳои таърихӣ адибон ва доираҳои фарҳангпажӯҳиши араб аз илму фарҳангӣ қадимаю пурғановати мардумони форс ба таври зарурӣ таҳқиқ анҷом дода, аз эҷод ва парвози хаёлоти рангини абармардони майдони фасоҳату балоғати мо мутаассир гаштаанд. Махсусан, давраҳои гуногуни таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик муҳаққиқони арабро бештар тасхир намудааст, ки роҷеъ ба хусусиятҳои гуногуни жанрию мавзуии намояндагони адабиёти форсу тоҷик дар давраҳои мухталиф тадқиқотҳои муфиде анҷом додаанд.

Далели равшану возеҳи гуфтаҳои боло таваҷҷуҳи доираҳои таҳқиқии арабҳо ба Хайём ва рубоиёти ӯ мебошад. Ҳарчанд ки эшон таввассути тарҷумаҳои дар Аврупо сомон ёфтаи осор ва махсусан, рубоиёти Хаём шиносоӣ пайдо намудаанд, дар омӯзиши ҳамаҷонибаи ин адиби шаҳири форсу тоҷик ва осори гаронарзиши ӯ хидматҳои шоёни таҳсин анҷом додаанд. Дар миёни он пажӯҳиш «Кашф-ал-лисом ан рубоиёти ал-Хайём»-и Мубашшир ат-Тарозӣ ал-Ҳусайнӣ, рисолаи калони тадқиқотие бо номи, китоби «Умари Хайём: ҳаёт, фалсафа ва рубоиёти ӯ»-и Шантовӣ, асари мутарҷими шинохтаи араб Аҳмад Ҳомид «Умари Хайём: ҳаёт, илм ва рубоиёти ӯ» ва рисолаи яке аз олими муосири араб Мусо Ҳиндовӣ «Ақоиди фалсафии Умари Хайём аз рубоиёти ӯ» аз ҷумлаи онҳоянд.

Диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич, ки «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» ногузорӣ шудааст, ба ин мавзуъ бахшида шудааст. Аз банду баст ва мазмуну муҳтавои афтореферати ӯ маълум мегардад, ки номбурда нисбати анҷоми таҳқиқот дақиққорона ва бо ҳисси масъулиятшиносӣ муносибат намудааст.

Мавзуи диссертатсияи илмии Сайфуллоев М.Ҳ. аз ҷиҳати муҳтаво ва аҳаммияти илмии хеш мубрам буда, таҳқиқоти ҷиддие дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад, зеро пажуҳиши мавзуи таъсирпазирии Илё Абумозӣ аз рубоиёти Умари Хайём, аз нахустин ковишҳоест, ки дар ин замина мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, даҳ фасл, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст.

Қисмати **муқаддимаи диссертатсия** мувофиқи талаботи корҳои илмӣ таҳия гардида, дар он муаллиф аз муҳиммияти интихоби мавзуъ,

дарачаи таҳқиқи он, мақсаду вазифаҳои пажуҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи тадқиқоти илмӣ, арзишҳои амалию назарии диссертатсия ва ҳамчунон, масъалаҳои меҳварӣ барои дифоъ маълумот додааст. Бояд зикр кард, ки тамоми қисматҳои муқаддимавии диссертатсия аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифии онҳо дар доираи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мантиқан якдигарро тақвият мебахшанд.

Диссертатсия таҳқиқу пажуҳиши таъсири рубоиёти Умари Хайём ба эҷодиёти Илё Абумозиро фаро гирифта, муаллиф масоил ва мабоҳиси марбут ба мавзуъро дар се боб тарҳрезӣ ва ҳар бобро ба фаслҳо дастабандӣ намудааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки "**Рӯзгор ва осори Илё Абумозӣ**" ном дорад, муҳаққиқ масъалаҳои зиндагӣ, фаъолият, девони шоир, хусусиятҳои адабии он, таснифи ашъори ӯ ва баён кардани вижагиҳои адабии онро бо такя ба мақолаву рисолаҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ таҳлилу баррасӣ карда, хулосаҳои илмӣ баровардааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки "**Таъсири рубоиёти Умари Хайём ба адабиёти муосири араб ва эҷодиёти Илё Абумозӣ**" унвон гирифтааст, ки диссертант дар он ба баррасии мавзуъҳои мақоми Умари Хайём дар манобеи арабӣ, таъсири рубоиёт ба шеъри арабӣ, образ ва сохтори он ба эҷодиёти Илё Абумозӣ, таҳлили мероси хаттии ӯ дар осорхонаву китобхонаҳои мамлакатҳои арабӣ, тарҷумаҳои осори Умари Хайём аз ҷониби мутарҷимону адабпажуҳони араб ва хусусиятҳои он ва чанд масъалаи дигаре аз ин қабил пардохтааст, ки таҳқиқи чунин масоил дар шароити кунунӣ аз мавзуъҳои хеле мубрам ба ҳисоб мераванд.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони "**Таҳлили муқоисавии андешаҳои Умари Хайём ва Илё Абумозӣ**" аз чор фасл иборат аст. Муаллиф дар фаслҳои боби мазкур андешаҳои Илё Абумозӣ ва Умари Хайёмро таҳлили муқоисавӣ намуда, эҷоди рубоиётро дар радифи Умари Хайём бартарӣ додааст, ки ифодагари мазмуну муҳтавои абёти Илё Абумозӣ мебошад. Ҳамчунин, таъсири мавзуии ашъори Умари Хайёмро дар эҷодиёти Илё Абумозӣ бо мисолҳои шеърии зиёд таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

Автореферати диссертатсияи мавриди назар аз чанд ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ буда, пеш аз ҳама, зимни таҳқиқу баррасии мавзуъ ва масъалаҳои асосӣ истиқлоли андеша ба мушоҳида мерасад. Натиҷаҳову хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 10 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷассум ёфтаанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи Сайфуллоев М.Ҳ. мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияи ӯро инъикос намудаанд.

Бандубаст ва муҳтавои автореферати мазкур ба талаботи фанниию сохтории кунунӣ ҷавобгӯ буда, дар баробари дастовардҳои зиёд дар автореферат баъзе норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Барои беҳбудии

корҳои баъдии пажуҳишии довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанд нуктаро зарур мешуморем:

1. Фасли дуюми боби дуюм қисман ба тарҷумаи қасидаи «Талосим»-и Илё Абумозӣ ихтисос дошта, хуб мешуд ин мавзуъ васеътар таҳлилу баррасӣ мегашт.

2. Баъзе тарҷумаҳои абёти арабӣ ба таҳрир ниёз доранд (масалан, саҳ. 17, 19).

Ба таври умум, эродҳои зикршуда асосан ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳамияти илмию амалии кори таҳқиқии Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич аз ин ҳам ҳусни бештар зам менамоянд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**Муқарриз:**
**Дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики**
**ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, директори генералии**
**Муассисаи давлатии "Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб",**
**номзади илми филология,** **Асозода Ҳотам Раҷаб**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Рӯзигул Солеҳова № 5.
Тел.: (8-33-22-2-26-99); +992 918633745.
E-mail: hamadoni@mail.ru

**Имзои Асозода Ҳ. Р.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК КМ-и ДДК**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ:** **Амиров Ф.**
Ҷ.М.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел.: 2-35-06, 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj, www.kgu.tj
«04» 12 соли 2023.